ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН»

«ИЛМИ ТИБ, ТАҲСИЛОТ ВА АМАЛИЯИ КЛИНИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ДАСТОВАРДҲО ВА ДУРНАМО»
20-уми ноябри соли 2026

МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Ҳамкасбони гиромӣ!

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки санаи 20-уми ноябри соли 2026 дар МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон” (н. Данғара, Ҷуиҳурии Тоҷикистон) Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ ДДТХ (солонаи VII-умин) дар мавзӯи **«ИЛМИ ТИБ, ТАҲСИЛОТ ВА АМАЛИЯИ КЛИНИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ДАСТОВАРДҲО ВА ДУРНАМО»**, бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10-солагии таъсисёбии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» доир мегардад.

Шуморо барои иштирок дар кори конференсия даъват менамоем.

Шаклҳои иштирок:

- ***Танҳо нашри фишурда;***
- ***Нашри фишурда ва ироаи маърӯза дар ҷаласаҳои сексионӣ.***

Конференсия дар шакли ҷаласаҳои сексионӣ дар самтҳои зерин баргузор мегардад:

1.Ҷарроҳӣ
2.Бемориҳои дарунӣ
3.Педиатрия
4.Стоматология
5.Фарматсия
6.Фанҳои назариявии тиббӣ
7.Фанҳои назариявии ғайритиббӣ

Забонҳои кории конференсия: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.

Телефонҳо барои тамос:

Юлдошев Авазбек Нусратуллоевич – **моб.:** +992 918-88-42-63
+992 300-02-02-58

Почтаи электронӣ: conference@khatmedun.tj.

Шартҳо ва тартиби бақайдгирӣ барои иштирок

1. Барои иштирок дар конференсия то 31-уми октябри соли 2026 корти бақайдгирии иштирокчиро (ниг. ба замимаи 2) пур намуда, фишурдаро ба суроғаи **conference@khatmedun.tj** ирсол намоед.
2. Шумораи муаллифон набояд аз 3 нафар зиёд бошад.
3. Маводҳое, ки барои иштирок дар конференсия ирсол мешаванд, набояд қаблан нашр шуда бошанд.
4. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки дар бораи нашри фишурдаҳо дар маҷмӯа қарор қабул намояд. Фишурдаҳое, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё хатоҳои грамматикӣ доранд, қабул карда намешаванд!
5. Пас аз ҷамъбасти конференсия маҷмӯаи маводи конференсия ба нашр расонида мешавад ва шакли электронии он дар сомонаи расмии ДДТХ (**https://www.khatmedun.tj**) ҷойгир карда мешавад.

Талабот барои таҳияи фишурдаҳо

Муҳим! Матн дар MS Word 2007 бо сабки «Муқаррарӣ» таҳия карда шавад**.** Ҳаҷм — то 1 саҳифа; ҳуруф — Times New Roman, 14 пт; фосилаи байнисатрӣ — 1,5. Матн аз рӯи паҳноӣ баробар карда шавад; ҳошияҳо аз ҳар тараф — 2 см; фосилаи сархат — 1 см. Дар матн истифодаи расмҳо, ҷадвалҳо ва графикҳо **манъ аст**. Аз як муаллиф то 5 фишурда қабул карда мешавад. Дар фишурда бояд нишон дода шавад: мақсади таҳқиқот, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулоса.

Замимаи 1.

БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ТАШХИСИ ШУОИИ ПАТОЛОГИЯИ ҒАДУДИ СИПАРШАКЛ

(Номи фишурда бо ҳарфҳои калон ва ҳуруфи ғафс навишта шавад)

Мардонзода Қ.М., Холов Ш.И., Ошурбекова Ф.К.

(бо ҳуруфи курсиви ғафс)

Кафедраи фанҳои ҷарроҳии №1, МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон”.

(сатри холӣ)

Мақсади таҳқиқот.
Мавод ва усулҳои таҳқиқот.
Натиҷаҳои таҳқиқот.
Хулоса.

Замимаи 2

Корти бақайдгирии иштирокчӣ

Корти пуркардашудаи бақайдгирии иштирокчӣ бояд якҷо бо фишурда дар шакли электронӣ ба суроғаи электронии кумитаи тадорукоти конференсия ирсол карда шавад.

Ному насаби пурраи иштирокчӣ/баромадкунанда бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ)	
Ҷойи кор, вазифа	
Дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, (агар дошта бошад)	
Номи кафедра, донишгоҳ, давлат, бо забони тоҷикӣ	
Номи кафедра, донишгоҳ, давлат, бо забони русӣ	
Номи кафедра, донишгоҳ, давлат, бо забони англисӣ	
Номи баромад бо забони тоҷикӣ	
Номи баромад бо забони русӣ	
Номи баромад бо забони англисӣ	
Сексияи баромад	
Шакли иштирок (варианти интихобшуда бо **ҳарфҳои сиёҳ, ба зераш хат кашида** ҷудо карда шавад)	**Нашри фишурда** Нашри фишурда ва баромад дар конференсия
Телефон барои тамос, e-mail	